*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 163 (4583) | ҶУМЪА, 30 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**29-уми декабри соли 2022 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он нахуст масъалаҳои марбут ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», ки вобаста ба он вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода гузориш дод, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Мақсад аз баррасии санади мазкур ин мушаххас намудани раванди иҷрои буҷети давлатӣ, истифодаи босамару мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, инчунин муайян намудани уҳдадориҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият вобаста ба иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» иборат мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумати мамлакат ва роҳбарони вазорату идораҳо ҷиҳати таъмини саривақтии иҷрои нақшаҳои буҷети давлатӣ дар соли 2023 дастуру супоришҳои қатъӣ доданд. Аз ҷумла, супориш дода шуд, ки ҷиҳати дарёфти роҳу усулҳои нави иҷрои нақшаи андоз ва буҷети давлатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ҷалби шаҳрвандон ба меҳнати фоиданоки дастӣ, аз қабили тиллошӯӣ дар қаламрави мамлакат тадбирҳои бетаъхир андешида шавад. Дар робита ба ин масъала таъкид гардид, ки дар як давраи кӯтоҳ бо супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат беш аз 7000 нафар барои тиллошӯӣ иҷозатнома гирифта, ба ин намуди меҳнати фоиданок ҷалб шудаанд.

Сипас, аъзои Ҳукумати мамлакат «Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2023»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд. Таъкид гардид, ки «Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2023» дар асоси нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакатро барои давраҳои минбаъда фаро мегирад.

Баъд аз муҳокима дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», «Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028», «Нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» барои солҳои 2023-2026» ва дигар масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси Ҳукумати мамлакат баррасӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳо ва дигар масъулон барои таъмини саривақтӣ ва босифати нишондиҳандаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намудани соли 2022 ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар солҳои оянда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дастуру супоришҳои дигар доир ба таъмини фаъолияти самарабахши иншооти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, махсусан иншооти роҳу нақлиёт, барқу алоқа ва муассисаҳои иҷтимоӣ дар фасли зимистон, таъминоти аҳолӣ ва иншооти таъиноти гуногун бо барқу гармӣ, пешгирӣ аз талафоти неруи барқ, сарфакорона истифода бурдани барқу гармӣ ва пардохти саривақтии маблағи онҳо, пешгирӣ кардани ҳолатҳои сӯхтор ва риояи қатъии талаботи қонунгузории мамлакат доир ба масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд ва танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

**www.president.tj**

---

### Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ман ҳамеша ба дарахт меандешам, дарахте, ки маҳзари зебоӣ, доноӣ ва некуӣ аст. Ва ҳамеша ба ин бовар ҳастам, ки инсон шабеҳи дарахт аст ё дарахт монанди инсон. Ҳамин зебоӣ, доноӣ ва некуиро дарахт ҳам дораду одамизода ҳам. Шукр, ки мо ин се асли муҳимро мешиносем ва онҳоро дар вуҷуди худ, дар ҳастии табиат дарк менамоем.**

## МАҲЗАРИ ЗЕБОӢ, ДОНОӢ ВА НЕКУӢ

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 23-юми декабри соли 2022 ироа шуд, се ҷавҳари муҳим – зебоӣ, доноӣ ва некуиро пайдо кардам.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки барои ҳар инсоне ҳосил кардани маърифат хеле муҳим аст. Ин нуктаро он кас хеле равшан баён менамоянд: «Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад». Илму дониш вақте ёри худшиносӣ мегардад, инсонро ба сӯи камол мебарад. «Дониш андар дил чароғи равшан аст» гуфтани соҳибқирони шоирон Устод Рӯдакӣ низ ба ҳамин маъност. Донише, ки дар баробари ҳар гуна бадиву душманӣ ба инсон мисли ҷавшан хидмат мекунад.

Донишу илмро танҳо дар мактаб ба даст меоранд. Омӯзгоронанд, ки дар бунёди ҷаҳони маънавии толибилмон талош меварзанд. Оид ба нақши мактабу омӯзгор Президенти мамлакат дар Паёмашон ин гуна гуфтаанд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем». Дар ин ҷумла се нуктаи муҳим таъкид гаштааст: боргоҳи илму дониш будани мактаб, шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас будани муаллим ва эҳтиром гузоштан ба дабистону омӯзгор. Чаро мо ин се нуктаи зикршударо бишносем? Чунки асоси фарҳанг, тафаккур ва шинохти башарӣ дар хондану навиштан ва омӯхтану сухан гуфтан нуҳуфта аст. Ҳамин аст, ки дарахти тамаддуни миллатҳо дар давоми асрҳо сабз мешавад, гул мекунад ва бор меоварад. Боғи муаллим ҳам дар як солу ду сол ҳосил намедиҳад. Балки даҳ солу бист сол ва ё бештар аз ин мегузарад, ки нафаре таҳсил кунад, донишманд гардад ва ба камол бирасад.

Муаллими асил касест, ки дар баробари илм одамиятро дар вуҷуди мо бедор месозад, рӯҳи башарии моро ба парвоз меорад, уфуқҳои нав ба нави донишро дар пеши чашмони мо боз мекунад.

**Бо дониши худ ҳар замон**
**Бахшӣ ҳаёти ҷовидон.**
**Хизрию оби зиндагӣ**
**Дар соғари мо мекунӣ.**

Дар Паёмашон Сарвари давлат ба ҷаҳолату хурофот низ ишора мекунанд: «Бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад». Аз ин рӯ, инсони огоҳ, ки ба доноӣ расидааст, ба худ иҷозат намедиҳад, ки ба ҷаҳолату хурофот гирифтор гардад.

Мо имрӯз шоҳиди он ҳастем, ки дар кишвари ҳамсоя - Афғонистон пеши роҳи духтаронро барои рафтан ба мактаб гирифтаанд. Ин ба он маъност, ки нисфе аз ҷомеа бесавод мемонад. Вақте модар савод надорад, чӣ гуна метавонад фарзандашро тарбия кунад, ӯро ба зиндагӣ раҳнамун созад. Дар чунин ҳолат магар ҷаҳолату хурофот авҷ намегирад? Бинобар ин бо нури илму хирад маҳв кардани неруи сиёҳи ҷаҳолату хурофот муҳим аст.

Албатта, дар кишвари мо занон мақом ва ҷойгоҳи баланд доранд. Онҳо баробари мардон заҳмат мекашанд ва соҳае нест, ки бонувон кору фаъолият нанамоянд. Роҳбари мамлакат ҳам дар Паёмашон дар бораи нақши зан - модар чунин таъкид мекунанд: «Мо, ҳамчунин, ба нақши зан - модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад».

«Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир», - гуфтааст Устод Рӯдакӣ ва ҳушдор медиҳад:

**Дар раҳгузари бод чароғе,**
**ки туроет**
**Тарсам, ки бимирад аз фароғе,**
**ки туроет.**

Инсони донову боҳуш наметавонад дар баробари ҳаводиси номатлуби рӯзгор ва ҷаҳолат фориғбол бошад. Фориғболӣ дар чунин ҳолат инсонро нобуд месозад, ӯро ба самти торикӣ мебарад. Ҳамин ҷо хулосаи қиссаеро аз рӯзгори Сӯфиёни Саврӣ зикр кардан бамаврид аст. Ин орифи бузург як вақт мушоҳида мекунад, ки яке аз шогирдонаш порае аз ҷомаи ӯро мебурад. Сабаб мепурсад. Шогирд мегӯяд, ки онро табаррукан бо худ нигоҳ медорам. Устод он гоҳ ба шогирдаш чунин таълим медиҳад:

Агар тамоми ҷомаи маро пора-пора бурида бигирӣ ва ҳатто пӯсти баданамро низ чунин кунӣ, манфиате намебинӣ. Ту ҳоло дар ҷаҳли мураккаб ва сиёҳии хурофот мондаӣ, бояд худро аз он раҳо кунӣ ва илми маро омӯзӣ, то ба камоли инсонӣ бирасӣ.

Имрӯз низ ин гуна хурофот, ки поя дар ҷаҳли мураккаб дорад, гоҳе ба назар мерасад. Бинобар ҳамин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки «хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад». Бояд гуфт, ки бовар кардан ба хурофот натиҷаи содадилӣ нест, балки ин амали носавоб аз кӯрдилӣ сарчашма мегирад. Доноён таъкид мекунанд, ки дили инсон се гуна мешавад: дили салим (солим), дили бемор ва дили мурда. Бесаводию ҷаҳолат ва хурофот ба осонӣ метавонад дили солимро бемор ва сипас маҳкум ба марг созад. Инсон ҳангоми наврасию ҷавонӣ шабеҳи ниҳол аст, онро каҷ кардан, шикастан, аз байн бурдан ба осонӣ муяссар мегардад. Бинобар ин дар тарбияи онҳо нақши оила, мактаб ва омӯзгор ниҳоят муҳим аст.

Ҷаҳони мо бо ҳама бузургӣ имрӯз хеле танг шудааст. Фарҳангҳои миллатҳои гуногун ба ҳамдигар таъсир мерасонанд, одамони рангу нажоди гуногун аз илми ҳамдигар баҳра мебаранд. Роҳбари мамлакат дар Паёми худ дастур доданд: «… вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд». Омӯхтани илму пешаҳои муосир барои мо ниҳоят муҳим аст. Ин таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он маъност, ки ғафлат накунем, дар омӯхтани дониш танбал набошем, роҳи ягонаи мо барои расидан ба ҳадафҳои олии маънавию иқтисодиамон омӯхтан ва боз ҳам омӯхтан аст. Дар ин замина гузаштагонамон беҳуда нагуфтаанд, ки «аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯ!».

Парвоз ба сӯи зебоӣ, доноӣ ва некуӣ бояд асли зиндагии мо бошад. Хоса ҷавонони кишвари мо тарзи зиндагиро аз занбӯри асал биёмӯзанд. На танҳо парвози ин ору хеле зебост, балки ӯ ҳамеша гулҳои зебову хушбӯро ҷустуҷӯ мекунад, шаҳди онҳоро ба кандуи худ меорад ва асал месозад. Ҷавонон низ бояд ба кишварҳои гуногуни дунё парвоз кунанд, шаҳди илмро аз он мамолик биёранд ва дар Тоҷикистони азиз истифода баранд. Барои фардои дурахшони кишварамон неруи зеҳниашонро сарф созанд. Дар ин бора Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қатъият иброз кардаанд: «Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст».

**Ӯ. НАЗАР,**
**«Садои мардум»**

---

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; с. 2016, №3, мод. 147; с. 2018, №5, мод. 283; с. 2019, №4-5, мод. 222; с. 2022, №6, мод. 353) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 2 калимаҳои «новобаста ба маҳалли ҷойгиршавии» ба калимаҳои «новобаста ба шакли моликият ва маҳалли ҷойгиршавии» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 7:

- ба сархати сеюм пас аз калимаи «умумӣ» аломат ва калимаҳои «, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ» илова карда шаванд;

- ба сархати панҷум пас аз калимаи «умумӣ» аломат ва калимаҳои «, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ» илова карда шаванд.

3. Дар моддаи 8:

- сархатҳои шашум, ҳафтум ва ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- маърифати ахлоқӣ, эстетикӣ ва экологии фарзандро ташаккул диҳанд;

- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо ва фарҳанги миллии худ ва халқҳои дигар тарбия намоянд;

- фарзандро дар рӯҳияи сарфаю сариштакорӣ тарбия намуда, бо маблағ ва молу мулк муносибати эҳтиёткорона доштанро омӯзонанд;»;

- сархати чордаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ, террористӣ, тундгароӣ ва ҷудоихоҳиро манъ намоянд;»;

- дар сархати шонздаҳум калимаҳои «экстремистӣ ва террористиро» ба калимаҳои «экстремистӣ, террористӣ, тундгароӣ ва ҷудоихоҳиро» иваз карда шаванд;

- сархати ҳаждаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ба фарзанд истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти тамоку, воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин моддаҳои сахттаъсир ва мадҳушкунандаро манъ намоянд;».

4. Дар қисми 3 моддаи 15 калимаи «қонунгузорӣ» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1938**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 333**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, №853**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, қ. 2, мод. 19) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати панҷум калимаҳои «ва берун аз он» ба калимаҳои «дар шароити озоди табиӣ» иваз карда шаванд;

- сархатҳои нуҳум ва дувоздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- **коллексияи зоологӣ –** маҷмӯи намудҳои олами ҳайвонот, ки бо низоми ягона бо роҳи интихоб ё усулҳои омӯзиши ирсиятҳои фарққунанда, бо мақсади истифодабарӣ дар фаъолияти илмӣ, селексионӣ, таълимӣ ва иҷрои корҳои дигар ҷамъоварӣ карда мешаванд;

**- Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон** – маҷмӯи маълумот оид ба намудҳои нодир, нобудшаванда ё зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи олами наботот ва ҳайвонот, ки бо мақсади ҷорӣ намудани низоми махсуси ҳифз ва азнавбарқароркунии минбаъдаи онҳо таҳия карда мешаванд;».

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Дар номи моддаи 3 калимаҳои «моликияти давлатӣ» ба калимаи «моликият» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 4:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Олами ҳайвонот аз рӯи намуд ва таъиноти мақсадноки худ ба категорияҳои зерин ҷудо мешавад:

- намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта;

- намудҳои ҳайвоноте, ки объекти шикор мебошанд;

- намудҳои ҳайвоноте, ки объекти моҳидорӣ мебошанд;

- намудҳои ҳайвоноте, ки бо мақсади хоҷагидорӣ истифода мешаванд (ғайр аз шикор ва моҳидорӣ);

- намудҳои ҳайвоноте, ки бо мақсадҳои хоҷагидорӣ истифода намешаванд, вале арзиши экологӣ, фарҳангӣ ва илмӣ доранд;

- намудҳои ҳайвоноте, ки саршумори онҳо бо мақсади ҳифзи сиҳатии аҳолӣ, пешгирии касалшавии ҳайвоноти хонагӣ ва кишоварзӣ, пешгирии зарар ба муҳити зист, нарасондани талафоти ҷиддӣ ба фаъолияти кишоварзӣ бояд танзим карда шаванд.»;

- дар қисми дуюм калимаҳои «эҳтиёт кардан» ба калимаи «нигоҳдорӣ» иваз карда шаванд.

5. Дар сархати сеюми қисми дуюми моддаи 5 калимаи ««таваллудхонаҳо»» ба калимаҳои «ҷойҳои наслгирӣ» иваз карда шавад.

6. Номи боби 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУҲОФИЗАТ ВА ИСТИФОДАИ ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ».**

7. Дар моддаи 7:

- сархати дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- қабули барномаҳои ҷумҳуриявӣ оид ба муҳофизат ва истифодаи оқилона, барқароркунӣ, афзун гардонидани маҳсулнокӣ ва таъмини устувории олами ҳайвонот;»;

- сархати сеюм хориҷ карда шавад.

8. Дар моддаи 8:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳофизат, истифода ва барқароркунии олами ҳайвонот»**;

- дар матни модда калимаи «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шавад;

- дар сархатҳои чорум ва панҷум калимаҳои «Китоби Сурхи Тоҷикистон» ба калимаҳои «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 9:

- дар номи модда калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад;

- дар матни модда калимаҳои «ояндаи олами ҳайвонотро муайян карда» ба калимаҳои «дар муайян намудани дурнамои олами ҳайвонот иштирок мекунанд» иваз ва калимаи «давлатии» хориҷ карда шаванд.

10. Моддаи 11 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 11. Назорати ҷамъиятӣ**

Назорати ҷамъиятӣ бо мақсади ҳамкорӣ бо мақомоти ваколатдор ва иштирок дар муҳофизат, истифодаи оқилона ва барқароркунии олами ҳайвонот аз тарафи шахсони воқеӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.».

11. Дар қисми якуми моддаи 14 калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шаванд.

12. Моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 16. Шикори ҳайвонот ва парандаҳои ваҳшӣ**

Шикори ҳайвонот ва парандаҳои ваҳшӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ, ки мақоми шикорчиро доранд, дар доираи меъёрҳои муқарраргардида бо тартиби муқарраргардидаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми шикор истифодаи олоту воситаҳои хатари умумидошта манъ аст.».

13. Дар сархати сеюми қисми якуми моддаи 17 калимаҳои «боҷи давлатии рухсатномаи ҳуқуқи шикорро, ки қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст,» ба калимаҳои «маблағи роҳхати шикорро» иваз карда шаванд.

14. Моддаи 19 хориҷ карда шавад.

15. Дар қисми дуюми моддаи 21 калимаҳои «ваколатдори муҳофизат ва танзими истифодаи олами ҳайвонот» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шаванд.

16. Дар моддаи 25:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «Пардохти ҳаққи» ва «пардохти ҳаққи» мувофиқан ба калимаҳои «Пардохтҳо барои» ва «пардохтҳо барои» иваз карда шаванд;

- дар қисми чорум калимаҳои «давлатӣ» ва «Китоби Сурх» мувофиқан ба калимаҳои «давлатии олами ҳайвонот» ва «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

17. Сархати шашуми қисми якуми моддаи 27 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- бо мақомоти ваколатдор ҷиҳати муҳофизат ва истифодаи оқилонаи олами ҳайвонот ҳамкорӣ намоянд.».

18. Моддаи 30 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 30. Муайян кардани намудҳо, баҳисобгирӣ ва танзими саршумори объектҳои олами ҳайвонот**

Чорабиниҳо оид ба муайян кардани намудҳо, баҳисобгирӣ ва танзими саршумори объектҳои олами ҳайвонот аз тарафи мақомоти ваколатдор бо ҷалби ташкилотҳои илмии дахлдор, ташкилотҳои дигари манфиатдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешаванд.».

19. Сархатҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- парвариши намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта дар шароити ғайриозод;

- ҷорӣ намудани маҳдудият барои истифодаи объектҳои олами ҳайвонот бо мақсади ташкил намудани коллексияҳои зоологӣ;».

20. Сархати дуюми қисми чоруми моддаи 32 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- то бист метр наздик аз макони зисти ҳайвоноте, ки сарҷамъона зиндагӣ мекунанд, шудгор кардани замин, инчунин бе иҷозати пешакии мақомоти ваколатдор ба ҷойи дигар кӯчонидани онҳо;».

21. Сархати дуюми моддаи 33 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- нигоҳдории тамомияти популятсияи намудҳои ҳайвоноти нодир, зери хатари нобудшавӣ қарордошта, намудҳои ба маҳал хос, кӯчӣ ва ҳайвоноти дигари арзишманд;».

22. Дар моддаи 36 калимаҳои «мувофиқи» ва «давлатии ваколатдор мувофиқа кунонида» мувофиқан ба калимаҳои «мутобиқи» ва «ваколатдор мувофиқа карда» иваз карда шаванд.

23. Номи боби 8 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 8. МУҲОФИЗАТИ НАМУДҲОИ ҲАЙВОНОТИ НОДИР ВА ЗЕРИ ХАТАРИ НОБУДШАВӢ ҚАРОРДОШТА».**

24. Моддаи 39 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 39. Дохил намудани намудҳои ҳайвонот ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд. Низомномаи Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Амалҳое, ки боиси ҳалокат, камшавии саршумор ё халалдор гаштани муҳити зисти намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта мегарданд, манъ аст.».

25. Дар моддаи 40:

- дар ном ва қисми якум калимаҳои «намудҳое, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд» ба калимаҳои «зери хатари нобудшавӣ қарордошта» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «таҳти хатари маҳвшавӣ қарордоштаро» ба калимаҳои «зери хатари нобудшавӣ қарордоштаро» иваз карда шаванд.

26. Моддаи 41 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 41. Тартиби истифодаи намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта**

Истифодаи намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта бо мақсадҳои илмию тадқиқотӣ, фарҳангию маърифатӣ, тарбиявӣ, зебоишиносӣ, фароғатӣ, солимгардонӣ ва ҳифзи табиат, ба даст овардани маҳсулот ва хусусиятҳои фоиданоки ҳаётии онҳо дар асоси иҷозатномаи аз ҷониби мақомоти ваколатдор додашуда амалӣ мегардад.

Бо мақсади ҳифз ва ба низом даровардани саршумор шикори ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта манъ аст.».

27. Дар моддаи 44 калимаҳои «ваколатдори муҳофизат ва танзими истифодаи олами ҳайвонот» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шаванд.

28. Дар қисми якуми моддаи 47 калимаҳои «ваколатдори муҳофизат, танзим ва истифодаи олами ҳайвонот» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шаванд.

29. Номи боби 14 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 14. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ».**

30. Моддаи 52 хориҷ карда шавад.

31. Моддаи 53 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 53. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

32. Аз матни Қонун калимаҳо ва рақами «**БОБИ 15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1937**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 331**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, № 849**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҲСОНКОРӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» аз 22 апрели соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №4, мод. 148; с. 2018, №1, мод. 23) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддима дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии танзими фаъолияти эҳсонкориро бо мақсади ривоҷ додани он муқаррар намуда, дастгирии давлатиро дар ин самт пешбинӣ менамояд.».

2. Дар моддаи 2:

- бандҳои дуюм ва сеюм хориҷ карда шаванд;

- дар бандҳои панҷум ва шашум калимаҳои «Эҳсонгирҳо» ва «эҳсонгирҳо» ба калимаҳои «Эҳсонгирандагон» ва «эҳсонгирандагон» иваз карда шаванд;

- бандҳои ҳафтум ва ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«**Фонди эҳсонкорӣ** – ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятнадоштае, ки аз ҷониби шаҳрвандон ё шахси ҳуқуқӣ дар асоси пардохти ихтиёрии молумулкӣ таъсис дода шуда, мақсадаш эҳсонкорӣ мебошад.

**Грант** – воситаҳои пулӣ ва (ё) молу мулки дигаре, ки ройгон ва бебозгашт барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.».

3. Дар банди якум ва сархати якуми банди чоруми моддаи 2, сархати ҳафтуми моддаи 10, қисми дуюми моддаи 13, қисми панҷуми моддаи 14, қисми сеюми моддаи 15, ном ва матни моддаи 17, ном, қисмҳои дуюм ва панҷуми моддаи 18 ва қисми сеюми моддаи 22 калимаҳои «молу амвол», «амволи», «амвол», «амволеро» ва «Амволи» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулк», «молу мулки», «молу мулкеро» ва «Молу мулки» иваз карда шаванд.

4. Дар сархати дуюми моддаи 5 калимаи «(эҳсонгирҳо)» ба калимаи «(эҳсонгирандагон)» иваз карда шавад.

5. Қисми дуюми моддаи 6 хориҷ карда шавад.

6. Дар қисми дуюми моддаи 8 калимаҳои «корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо» ба калимаҳои «корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ» иваз карда шаванд.

7. Дар сархати якуми моддаи 10 калимаи «вазифаҳои» ба калимаҳои «шакли ташкилию ҳуқуқии» иваз карда шавад.

8. Дар моддаи 12:

- дар қисми якум аломат ва калимаҳои «, мақоми дастаҷамъии он (маҷлиси умумӣ)» ба калимаҳои «маҷлиси умумӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархати дуюми қисми сеюм калимаҳои «назоратӣ-тафтишотӣ» ба калимаҳои «назоратию тафтишӣ» иваз карда шаванд.

9. Дар қисми чоруми моддаи 14, сархати ҳаштуми моддаи 17 ва қисми дуюми моддаи 22 калимаи «эҳсонкор» ба калимаи «эҳсонкорӣ» иваз карда шавад.

10. Дар моддаи 16:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 16. Иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шӯроҳои) ташкилотҳои эҳсонкорӣ»;**

- дар матни модда калимаҳои «иттиҳодияҳо (ассотсиатсия ва иттифоқҳо)», «иттиҳодияҳои (ассотсиатсия ва иттифоқҳои)», «Иттиҳодияҳои (ассотсиатсия ва иттифоқҳои)» мувофиқан ба калимаҳои «иттифоқҳо (ассотсиатсияҳо, шӯроҳо)», «иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шӯроҳои)» ва «Иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои ва шӯроҳои)» иваз карда шаванд.

11. Дар сархати даҳуми моддаи 17, қисми сеюми моддаи 19 ва қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 20 калимаҳои «вобастааст» ва «ҳаққи» мувофиқан ба калимаҳои «вобаста аст» ва «музди» иваз карда шаванд.

12. Дар моддаи 18:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ташкилоти эҳсонкорӣ метавонад ҳамчун моликият ё дигар ҳуқуқи молумулкӣ биноҳо, иншоот, таҷҳизот, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, захираҳои иттилоотӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва дигар навъҳои молу мулкро дошта бошад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муайян накарда бошад.»;

- дар қисмҳои дуюм ва сеюм калимаҳои «Ташкилоти эҳсонкор» ва «ҳаққи» мувофиқан ба калимаҳои «Ташкилоти эҳсонкорӣ» ва «музди» иваз карда шаванд.

13. Ба моддаи 19 қисми шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Дар ҳолати барзиёд шудани қисми даромад аз қисми хароҷоти буҷети ташкилоти эҳсонкорӣ маблағи барзиёд набояд байни муассисон тақсим карда шавад, балки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои ташкилот равона гардад.».

14. Қисми сеюми моддаи 21 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд иштирокчиёни фаъолияти эҳсонкориро тибқи тартиби муқарраршуда бо чунин роҳҳо дастгирӣ намоянд:

- пешниҳод намудан барои гирифтани мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои соҳавӣ;

- додани имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

- маблағгузории барномаҳои эҳсонкорӣ дар асоси натиҷаи озмунҳои эълоншуда;

- ройгон ё дар асоси имтиёзҳо ба иҷора додани иншооти давлатӣ барои истифодаи мақсаднок.».

15. Ҷумлаи якуми қисми якуми моддаи 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мақоми давлатие, ки ташкилоти эҳсонкориро ба қайд гирифтааст, риояи оинномаи онро назорат мекунад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1940**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 335**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси**
**намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 октябри соли 2022, № 881**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СОБИҚАДОРОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» аз 7 апрели соли 1995 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №7-8, мод. 67; с. 1996, №3, мод. 48; с. 1998, №22, мод. 295; с. 2004, №2, мод. 41; с. 2007, №7, мод. 657; с. 2010, №1, мод. 18; с. 2020, №12, мод. 915; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 717) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми якуми моддаи 20 пас аз калимаҳои «мақомоти гумрук» аломат ва калимаҳои «, мақомоти назорати маводи нашъаовар» илова карда шаванд.

2. Ба матни моддаи 38 ва қисми сеюми моддаи 43 пеш аз калимаи «судяҳо» калимаҳои «мақомоти назорати маводи нашъаовар,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1939**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 334**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, № 843**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 612; с. 2015, №11, мод. 973; с. 2018, №7-8, мод. 534) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 22:

- қисми 14 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«14. Шахсе, ки аз пасандоздор ҳуқуқи талаб кардани пасандозро баъди фарорасии ҳолати суғуртавӣ соҳиб шудааст, ба гирифтани ҷубронпулӣ аз рӯи чунин пасандоз ҳуқуқ надорад, ба истисноя шахси воқеие, ки ҳуқуқи талаб кардани пасандози аз рӯи он ба пасандоздор ҷубронпулӣ пардохтнагардидаро бо тартиби мерос соҳиб шудааст. Меросхӯр ҳуқуқ дорад аз ҳуқуқҳои пасандоздори фавтида, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, аз лаҳзаи ба меросхӯр додани шаҳодатномаи дахлдори ҳуқуқ ба мерос ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи ӯ ба мерос ё ҳуқуқи истифодаи маблағҳои пулии меросгузор, истифода барад.»;

- қисми 15 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«15. Ҳангоми бо тартиби мерос ба якчанд шахс гузаштани ҳуқуқи талаб кардани пасандози пасандоздор баъди фарорасии ҳолати суғуртавӣ, ҳар яке аз онҳо ҳуқуқ ба қисми ҷубронпулии ба пасандоздор пардохтнашударо ба андозаи баробар ба ҳуқуқи соҳибшудаи ӯ барои талаб кардани пасандози мазкур соҳиб мешавад. Пардохти ҷубронпулӣ ба меросхӯр аз рӯи пасандози мазкур аз пардохти ҷубронпулӣ ба ҳамон меросхӯр аз рӯи пасандозҳои дигар вобаста намебошад. Андозаи умумии пардохтҳо ба ҳамаи меросхӯрон аз рӯи пасандозе, ки ҳуқуқи талаб кардан ба он бо тартиби мерос гузаштааст, бо андозаи ниҳоии ҷубронпулӣ аз рӯи пасандози муқаррарнамудаи Қонуни мазкур маҳдуд карда мешавад.».

2. Дар қисми 1 моддаи 25 пас аз калимаи «суғуртавӣ» калимаҳо ва рақамҳои «, ба истисноии ҳолатҳои дар қисми 14 моддаи 22 Қонуни мазкур пешбинишуда,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2021 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1943**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 344**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси**
**намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе,**
**2 ноябри соли 2022, № 893**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХАЗИНАИ БОЙГОНИИ МИЛЛӢ ВА МУАССИСАҲОИ БОЙГОНӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 326; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1018; с. 2011, №7-8, мод. 617) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, ҳифз, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ, назорат ва тартиби истифодаи ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин пешбурди коргузорӣ ва идоракунии давлатии фаъолияти бойгониро танзим менамояд.».

2. Дар сархати нуҳуми моддаи $1^1$ калимаҳои «хазинаҳои бойгонии» ба калимаи «бойгониҳои» иваз карда шаванд.

3. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

4. Дар матни моддаи 10 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

5. Номи моддаи 17 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллӣ».

6. Дар ном ва матни моддаи 24 пас аз калимаи «накардани» калимаи «талаботи» илова карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1942**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 337**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, № 851**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТЕЛЕВИЗИОН ВА РАДИОШУНАВОНӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» аз 14 декабри соли 1996 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №24, мод. 408; с. 1998, №10, мод. 76; с. 1999, №6, мод. 166; с. 2000, №11, мод. 521; с. 2001, №7, мод. 481; с. 2004, №2, мод. 39; с. 2006, №4, мод. 197; с. 2013, №7, мод. 540; с. 2019, №1, мод. 19) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 11:

- дар қисми якум калимаи «шахси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «шахси ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 21:

- дар қисми якум калимаҳои «Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар ҷумлаи дуюми қисми дуюм калимаҳои «дар дасти» ба калимаҳои «ба зиммаи» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми дуюми моддаи 23 калимаҳои «Маҷлисҳои вилоятӣ ва дигар маҷлисҳои маҳаллӣ» ба калимаҳои «Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» иваз карда шаванд.

4. Дар сархати дуюми қисми шашуми моддаи 28 калимаҳои «радио ва видеоро» ба калимаи «радиоро» иваз карда шаванд.

5. Дар ҷумлаи дуюми қисми дуюми моддаи 31 калимаҳои «нафақаи гум кардани саробон» ба калимаҳои «нафақа барои маҳрум шудан аз саробон» иваз карда шаванд.

6. Матни моддаи 33 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ҳамкориҳои байналмилалии ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1948**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 349**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 10 ноябри соли 2022, № 902**

**ВОРИС**

# ПАЙКИ СОЛИ НАВ



**Соли нав шамшоди боғи мо чароғон мешавад,**
**Мурғи дил дар синаҳо масту ғазалхон мешавад.**

**Ишқ меояд, ки гӯяд қиссаи Ширин зи нав,**
**Дасти ошиқ шона бар зулфи парешон мешавад.**

**Соли нав гардунаи хуршед мечархад чунон,**
**Моҳи нав аз шарм андар сина пинҳон мешавад.**

**Кӯҳи Помир дар ҷаҳон чун арчаи солинавӣ,**
**Аз шарор, аз меҳри поки мо фурӯзон мешавад.**

**Паркашон Симурғ меорад паём аз каҳкашон,**
**Осмон аз меҳри инсонҳо нурафшон мешавад.**

**Ҳам муҳаббат, ҳам садоқат, ҳам рафоқат дар ҷаҳон,**
**Чун ливои одамият партавафшон мешавад.**

**Сулҳ меояд кабӯтарвор бар ҳар бому дар,**
**Зиндагӣ зебову поку ҳам гулафшон мешавад.**

**Соли нав дар мезанад, сар мезанад бар хонаҳо,**
**Пайки доноию зебоию эҳсон мешавад.**

**Соли нав моро ҷаҳони дигаре меоварад,**
**Рӯзи нав, рӯзии нав моро фаровон мешавад.**

Саломатӣ – неъмати бебаҳо

# ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ БЕҲТАР ГАРДИД

**Маркази минтақавии перинатологии шаҳри Кӯлоб бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 мавриди истифода қарор гирифта буд.**




- Солҳои пешин барои муоинаи беморон, хусусан занҳои қобили таваллуд, дастгоҳу таҷҳизоти муосир дар беморхона намерасиданд. Хушбахтона, ҳоло дар тобеияти Беморхонаи клиникии вилоятӣ ба номи Абдулмаҷид Ҳақназаров Маркази минтақавии перинатологӣ бо ҳама шароити замонавӣ мавриди истифода қарор гирифта, бо дастгоҳҳои замонавӣ таъмин аст. Ҳуҷраҳои табибон ва утоқҳои беморон бо мизу курсиҳои замонавӣ, рахти хоб, роҳаткурсиҳо ва дигар таҷҳизоти зарурӣ таъмин шуданд, - гуфт муовини сардухтури беморхонаи вилоятӣ Ҳалима Гадоева.

Бино ба маълумоти номбурда, бо мақсади рушди соҳа ва беҳтар гардидани сифати хизматрасонии тиббӣ бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якҷо бо Бонки рушди Олмон дар марказ мошини ёрии таъҷилӣ, се таҷҳизоти ултрасадо, дастгоҳи рентгенӣ, чор дастгоҳи нафасдиҳии сунъии «Хемелтон» ва ду таҷҳизоти нав бо номи «Драйвер» таъмин аст.

Мавриди зикр аст, ки алҳол дар Маркази минтақавии перинатологии шаҳри Кӯлоб беҳтарин мутахассисони соҳаи тиб кору фаъолият мекунанд, ки беш аз 60 фоизашонро табибони ҷавон ташкил медиҳанд. Барои сайқал додани дониши табибони ҷавон ва омӯзишҳо дар беморхона шуъбаи омӯзиш ва азхудкунии малакаҳои касбӣ фаъолият мекунад, ки дар он беҳтарин духтурони соҳиби маълумоти олӣ нозукиҳои соҳаро ба ҷавонон меомӯзонанд.

Маркази минтақавии перинатологӣ аз сенздаҳ шуъба - кумаки сайёр, шуъбаи қабул, таваллудхона, ташхисӣ ва машваратӣ, касалиҳои занона, авоиризи ҳомиладорӣ, бахши омӯзиш ва азхудкунии малакаҳои касбӣ, шуъбаи зоиш, эҳёи навзодон, шуъбаи модару кӯдак, эҳёи калонсолон ва шуъбаи санатикаи навзодон иборат буда, бо таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз шуданд. Табиист, ки ин ҳама дастовардҳои замони соҳибистиқлолии мамлакат мебошад.

Мутобиқи иттилои дастрасгардида, Маркази минтақавии перинатологии шаҳри Кӯлоб дар минтақа ягона буда, тавони табобат кардани бемороня вазнинро низ дорад.

Бинои марказ аз 233 ҳуҷра иборат буда, дорои 106 кати хоб мебошад. Дар 11 моҳи соли 2022 ба марказ 8474 дармонҷӯ муроҷиат намуданд. Феълан Маркази перинатологӣ ба сокинони 10 шаҳру ноҳияи минтақаи Кӯлоб, ки шумораи аҳолиашон 1 миллиону 166 ҳазору 322 нафар мебошад, хизмат мерасонад. Дар марказ 42 табиби дорои маълумоти олӣ, 200 кормандии миёнаи тиб фаъолият намуда, айни замон таваллуди 6 ҳазору 701 кӯдак ба қайд гирифта шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Масъулият

# РАШТ: ОМОДАГӢ БА ЗИМИСТОН ХУБ АСТ

**Дар ноҳияи Рашт бо мақсади бе мушкилӣ гузарондани мавсими сармо барои фаъолияти мунтазаму самарабахши корхонаю муассисаҳо ва рафтуомади бемамонияти сокинон дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 корҳои зиёд ба анҷом расиданд.**

Тавре мудири бахши рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт Хайриддин Хоҷазода иттилоъ дод, вобаста ба иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022 таҳти № 133 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳ ва зимистони солҳои 2022-2023» аз 11-уми апрели соли 2022 таҳти № 170 қарори раиси ноҳия ба тасвиб расид. Дар асоси он нақшаи чорабиниҳо ва ситоди ноҳиявӣ таъсис дода шуда, корҳои зиёд амалӣ гардиданд.

Ба гуфти ӯ, талаботи солонаи аҳолии ноҳия ба маҳсулоти ғизоӣ, аз қабили 20 ҳазору 595 тонна орд, 2 ҳазору 334 тонна равғани растанӣ, 12 ҳазору 632 тонна картошка, 1 ҳазору 663 тонна биринҷ, 2 ҳазору 60 тонна шакар, 5 ҳазору 629 тонна гӯшт, 15 ҳазору 790 тонна маҳсулоти ширӣ, 26 миллиону 636 ҳазор дона тухм, 22 ҳазору 792 тонна сабзавот ва полезӣ, 17 ҳазору 25 тонна меваҷот, 1 ҳазору 23 тонна моҳӣ ва 247 тонна намак мебошад. Талаботи аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия бо маводи сӯзишворӣ низ 41773 тонна ангишт ва 31956 метри мукааб ҳезум аст.

Дар муассисаҳои табобатӣ, фарҳанг, таҳсилоти олию миёнаи касбӣ, таҳсилоти умумӣ ва томактабии ноҳия барои давраи тирамоҳ ва зимистони солҳои 2022-2023 дар маҷмӯъ 2153 тонна ангишт, 1152 метри мукааб ҳезум, 19,7 тонна орд, 2,5 тонна равғани растанӣ, 3,5 тонна биринҷ, 2,9 тонна шакар, 13,8 тонна картошка, 3,2 тонна сабзӣ ва 9,1 тонна пиёз захира шудааст.

Шумораи дегхонаҳо дар муассисаҳои соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг 53 ададро ташкил медиҳанд, ки аз ҳисоби буҷети ноҳия барои таъмир ва барқарор намудани онҳо маблағи зарурӣ ҷудо шуда, дар ҳолати корӣ қарор доранд.

Бо мақсади таъмини талаботи аҳолӣ тибқи ҳисоботи раёсати Ҷамъияти матлуботи ноҳия 21 нуқтаи фурӯши ангиштсанг, 22 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва 17 нуқтаи фурӯши гази моеъ фаъолият дошта, барои таъмини аҳолии ноҳия басанда мебошанд.

Аз ҳисоби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини аҳолии ноҳия бо маҳсулоти зарурии ғизоӣ 500 тонна орд, 30 тонна шакар, 10 тонна равғани растанӣ ва 10 тонна сӯзишворӣ захира карда шуда, барои захираи маҳсулот 14 анбор бо ғунҷоиши 14710 тонна вуҷуд дорад.

Аз тарафи муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия низ 900 метри мукааб маводи зидди лағжиш ва 8 тонна сӯзишвории дизелӣ захира гардида, 13 техникаю механизм барои давраи тирамоҳ ва зимистони солҳои 2022-2023 омода карда шуданд.

Аз ҳисоби буҷети маҳаллии ноҳия барои фаъолияти мунтазам ва самарабахши соҳаҳои буҷетӣ дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023-юм 2 миллиону 500 ҳазору 790 сомонӣ барои хариди маводи сӯхт, 1 миллиону 452 ҳазору 31 сомонӣ барои таъмиру барқарорсозии биноҳо, дар маҷмӯъ 3 миллиону 457 ҳазору 821 сомонӣ маблағ равона карда шудаанд.

Дар шабакаҳои барқи ноҳия таъмиру барқарорсозӣ барои давраи тирамоҳ ва зимистони солҳои 2022-2023 то кунун дар ҳаҷми 93 фоиз иҷро гардидааст.

Таъмирию барқароркунӣ дар иншооти обтаъминкунӣ ҷиҳати таъмини мунтазами аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи роҳбарияти ноҳия қарор дорад. Дар хатҳои магистралии шаҳракҳои Ғарму Навобод таъмир идома дошта, дар иншооти «Сохтмони хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Қалъаи Шайх» ба маблағи 1 миллиону 727 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро гардиданд. Дар ҳудуди деҳот 5 хатти оби нӯшокӣ ва 9 чоҳи амудӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо оби полезӣ дар каналҳои мавҷудаи ноҳия ба маблағи 95 ҳазор сомонӣ корҳои таъмиру барқарорсозӣ иҷро гардида, иншооти хати оби полезӣ барои обёрӣ намудани 150 гектар замини лалмӣ бо қубури диаметри 400 мм дар мавзеи Дашти Беоби деҳоти «Ҳоит» ба маблағи беш аз 7 миллиону 600 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро гардиданд.

- Имсол омодагӣ ба мавсими сармо дар сатҳи баланд буда, бо боварӣ метавон гуфт, ки сокинони ноҳия зимистони пешомадаро дар шароити хуб сипарӣ мекунанд, - гуфт дар хотимаи суҳбат Х. Хоҷазода.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

Тавсияи мутахассис

# ХАМИРТУРУШИ СУНЪӢ САБАБИ АФЗОИШИ БЕМОРИҲО МЕГАРДАД

**Сарфаи вақт ва роҳи осони истеҳсол кардани маҳсулот на ҳама вақт ба фоидаи мост. Дар баъзе ҳолат он метавонад зараровар бошад. Бахусус, омода кардани маҳсулоти нонӣ ба воситаи хамиртуруши сунъӣ, ки онро дар як муддати кӯтоҳ барои истеъмол омода мекунад, аз зарар холӣ нест. Хамиртуруши нонпазиро олимон аз замбурӯғи сунъӣ, ки дар табиат вуҷуд надорад, таҳия мекунанд.**

Хамиртуруши сунъӣ дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ пайдо шуда, мувофиқи баъзе маъхазҳо, онро олимони олмонӣ бо мақсади эҷоди силоҳи биологӣ таҳия кардаанд. Тибқи идеяи лоиҳаи онҳо «Der kleine Morder» («қотилони хурдакак»), хамиртуруше, ки ба бадани инсон ворид мешавад, бояд онро аз ҳисоби маҳсулоти мубодилаи моддаҳо (кислотаҳои паралитикӣ) заҳролуд кунад. Ин намуди хамиртурушро, хамиртуруши термофилӣ низ меноманд. Зарари он дар таркиби нон мавзӯи баҳси олимон ва нонпазҳост. Онҳо муътақиданд, ки хамиртуруш ҳангоми истеъмоли тару тоза метавонад ба бадан зараровар бошад. Аммо ҳангоми пухтани нон ҳарорати дохили он ба 98 дараҷа мерасад. Дар чунин шароит хамиртуруши термофилӣ мемирад. Олимон исбот кардаанд, ки хамиртуруши дар шароити муосир тавлидшуда метавонад ҳатто дар 500 дараҷа гармӣ инкишоф ёбад. Он дар баробари нон ба организм дохил шуда, микрофлораи рӯда ва кори дигар узвҳоро вайрон мекунанд.

Тасодуфӣ нест, ки дар Конгресси дуюми умумиҷаҳонии тибби гиёҳӣ дар Прага соли 1990 профессор Ларберт доир ба таъсири нони аз хамиртуруши сунъӣ омодашуда сухан ронда, қайд намуд, ки истеъмоли тӯлонии ин гуна нон боиси як қатор бемориҳо, аз ҷумла бемории гемоглиоз, мегардад. Ин беморӣ бо дарди сар, хоболудӣ, асабоният, сустшавии хотира, афзоиши часпакии хун ва мушкилоти ҳозима зоҳир мешавад. Ларберт бар ин назар аст, ки гемоглиоз аз бемории сил бештар маъмул ва хатарноктар аст.

Инчунин, таъсири манфии хамиртурушро ба организм бисёр олимони ҷаҳон ошкор кардаанд. Аз ҷумла, Росини Ҷанфранко («Мавҷудияти хусусияти кушандаи хамиртуруш»), Г. Басси ва Д. Шерман («Омили куштор – биохимия, биофизика», 1973, саҳ. 13–14), профессори франсуз Этен Волф ва дигарон.

Дар бораи зарари хамиртуруш ба организми инсон доктори илмҳои тиб, профессор Ҷаҳон Азонов чунин ибрози ақида намуд:

- Вақте ки хамиртуруш ба бадан ворид мешавад, он дар раванди таҷдиди фаъол, дар баробари карбогидратҳо ҳама витамин ва минералҳои муфидро, ки бо ғизо меоянд, истеъмол мекунад. Дар натиҷа шахс аз онҳо камтар қабул мекунад, ки минбаъд боиси беқувватии организм мегардад. Дар байни навъҳои хамиртуруш ба организм аз ҳама зараровараш хамиртуруши хушки нонпазӣ мебошад. Хамиртуруш ба бемориҳои зерин оварда мерасонад: гастрит ва захми меъда, осебпазирии системаи ҳозима, пайдоиши равандҳои ферментатсия, норасоии микроэлементҳои муҳим вайрон шудани мувозинати табиии микрофлораи рӯда, бад шудани фаъолияти майна, бемориҳои онкологӣ, бадшавии ҳолати пӯст ва пайдоиши доғҳои пӯст ва суръат гирифтани раванди пиршавӣ.

Олимон исбот кардаанд, ки хамиртуруш ба бемориҳои ниқрис, дисбактериоз ва гурда таъсири манфӣ мерасонад. Ғайр аз ин метавонад занҳоро мубталои бемории кандидоз (молочница) гардонад.

Дар ИМА, Шветсия ва дигар давлатҳо истеъмоли нони бе хамиртурушро роҳандозӣ кардаанд, ки бемории саратонро пешгирӣ мекунад.

Технологияи истеҳсоли хамиртуруши хушки нонпазӣ зиёда аз панҷоҳ иловаро дар бар мегирад. Танҳо даҳтои онҳоро бидуни зарар ба саломатӣ истеъмол



кардан мумкин асту халос. Алтернативаи хамиртуруши термофилӣ хамирмояи хонагӣ мебошад. Муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ғизо» Орзу Раҳмоналиев низ истифода аз хамирмояро тавсия медиҳад.

- Истифодаи хамиртурушҳои хушк барои корхонаҳои нонбарорӣ ва нонвойхонаҳо аз нигоҳи сарфаи вақт басо мувофиқанд, зеро хамирро дар муддати ду соат мерасонад. Хамиртуруши урфӣ бошад, хамирро дар панҷ-шаш соат омода мекунад. Гарчанде ки хамирмояи урфӣ вақти зиёдтарро мегирад, истифодаи он ба организм безарар аст.

Зарари нони бо хамиртуруши хушк омодашудаgetро нафароне низ мушоҳида мекунанд, ки аз истеъмоли он даст кашидаанд. Пеш аз ҳама, зардаҷӯш аз байн рафта, равандҳои ферментатсия низ он қадар фаъол намешавад. Бо истинод ба ин далелҳо мо бояд хулосаи худро дошта бошем ва навъи хамиртуруш истифода бурданро интихоб кунем.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон мекунад:

1. Сардори сарраёсат;
2. Муовини сардори раёсати электроэнергетика;
3. Сармутахассиси раёсати захираҳои об;
4. Сармутахассиси раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нефту газ;
5. Сармутахассиси бахши котибот;
6. Мутахассиси пешбари раёсати иқтисод ва дурнамо;
7. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ;
8. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ;
9. Мутахассиси пешбари бахши котибот;
10. Мутахассиси раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нефту газ;
11. Мутахассиси раёсати захираҳои об;
12. Мутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ;
13. Мутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ.

**Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат (кӯчаи Шамсӣ - 5/1) пешниҳод намоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (сурати рангаи 3х4 ва 4х6 - 4 дона);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулки худ;
- маълумотнома оид ба доғи судӣ надоштан;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

**Талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:**

- сардори сарраёсат - 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- муовини сардори раёсат - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар - 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

Музди маош барои сардори сарраёсат - 3300 сомонӣ, муовини сардори раёсат - 2711 сомонӣ, сармутахассис - 1660 сомонӣ, мутахассиси пешбар - 1352 сомонӣ, мутахассис - 1112 сомонӣ муайян гардидааст.

Довталабон маълумоти иловагиро метавонанд аз сомонаи **mewr.tj** ва телефони **235-97-68** дастрас намоянд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413269 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.12.2022 17:00:00 |
| 2 | 413271 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Таҷҳизот ва лавозимоти камераи назоратӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 28.12.2022 21:44:44 |
| 3 | 413289 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Ваҳдат | Идомаи сохтмони бинои иловагии чорошёна дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.12.2022 13:00:00 |
| 4 | 413270 | Шуъбаи минтақавии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 86 | 29.12.2022 19:30:00 |
| 5 | 413281 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Литсензияи почтаи электронӣ ва дастгирии техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 30.12.2022 10:40:00 |
| 6 | 413287 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, маишӣ, молҳои барқӣ, таҷҳизоти офисӣ, масолеҳи истеъмолӣ барои таҷҳизоти офисӣ, техникаи маишӣ, кабелҳо ва ID-картаҳои мушаххас | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 122 | 30.12.2022 11:45:00 |
| 7 | 413286 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Кашидани хатти алоқаи кабели телефонӣ ва интернетӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 30.12.2022 12:52:52 |
| 8 | 413268 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Таъмири пурраи роҳи мошингард, воқеъ дар маҳаллаи Гулбутта-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.12.2022 16:10:00 |
| 9 | 413272 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Хизматрасониҳои радио ва телевизион барои сабт, танзим ва пахши барнома, ҳамагӣ 6 барнома | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 17.01.2023 22:18:55 |
| 10 | 413273 | Поликлиникаи стоматологияи кӯдаконаи шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 17.01.2023 23:23:23 |
| 11 | 413274 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Таҷҳизоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 17.01.2023 23:23:23 |
| 12 | 413275 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Дарахт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.01.2023 23:30:30 |
| 13 | 413276 | Муассисаи давлатии маҷаллаи таълимию маърифатӣ ва иттилоотии «Мактаб» дар шаҳри Бохтар | Чопи 79200 дона маҷалла барои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.01.2023 08:05:10 |
| 14 | 413277 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Курсии мулоим, кушетка ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 18.01.2023 09:00:00 |
| 15 | 413282 | Кумитаи вилоятии Ташкилоти ҷамъиятии «Мададгори мудофиа»-и вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 18.01.2023 11:00:00 |
| 16 | 413283 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилоятӣ»-и вилояти Суғд | Таъмири таҷҳизоти кислородбарории тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.01.2023 11:00:00 |
| 17 | 413284 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётии мошин, чархи резинӣ ва аккумулятор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 18.01.2023 11:00:00 |
| 18 | 413288 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Таъмири ҷории намои берунаи бинои китобхонаи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.01.2023 11:40:40 |
| 19 | 413267 | Шуъбаи Хадамоти давлатии оташнишонӣ дар ВМКБ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.01.2023 16:00:00 |
| 20 | 413290 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Мол ва масрафшавандаи тиббӣ, симҳои бофандагии тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 29.12.2022 15:50:59 |
| 21 | 413291 | Муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Конибодом | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 29.12.2022 17:00:00 |
| 22 | 413292 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами №17-и ноҳияи Ҷайҳун | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 29.12.2022 17:05:05 |
| 23 | 413294 | «Беморхонаи марказии ба номи академик К. Тоҷиев»-и шаҳри Конибодом | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 29.12.2022 21:30:00 |
| 24 | 413293 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 30.12.2022 09:50:59 |
| 25 | 413295 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и шаҳри Хуҷанд | Шишаи органикӣ (оргстекло) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.01.2023 22:30:30 |
| 26 | 413296 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11 ба номи Ҷ. Зокири шаҳри Хуҷанд | Таъмири намои бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.01.2023 22:30:30 |
| 27 | 413297 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасониҳои нақлиётӣ барои 180 нафар дар самти шаҳри Хуҷанд – Душанбе - Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.01.2023 22:30:30 |
| 28 | 413298 | «Литсейи касбӣ - техникии сохтмон»-и шаҳри Хуҷанд | Ноутбук, ҷузвдон ва мошинаи чокдӯзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 18.01.2023 22:30:30 |
| 29 | 413300 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таъмини ҷои зисти меҳмонон бо хӯроки наҳорӣ барои 32 нафар (ҳамагӣ 178 нафар - шабонарӯз) дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.01.2023 09:02:30 |
| 30 | 413301 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Либоси рақсӣ ва бутафорияи аждаҳо (бутафория дракона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 19.01.2023 09:52:52 |
| 31 | 413299 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алюминсохтмон» | Маводи сохтмонӣ, тирезаи пластикӣ, дарҳои алюминӣ ва қубури пластикӣ барои оби гарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 19.01.2023 10:00:00 |
| 32 | 413302 | Ҷамоати деҳоти ба номи Дадабой Холматов | Қубури пластикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 19.01.2023 10:00:00 |
| 33 | 413305 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Тайёр ва пухту паз намудани нони 700-грамма ва дастрас намудан ба мактабҳои ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (дастраскунӣ се маротиба дар як ҳафта. Микдори умумии нон - 233440 дона. Ҳаҷми умуми орд - 120222 кг) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.01.2023 10:25:25 |
| 34 | 413303 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Симулятор, дистиллятори об, гигрометр - психрометр, аломатҳои бехатарӣ, сим, кабел, сейфи оҳанӣ ва сертификат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 19.01.2023 14:00:00 |
| 35 | 413306 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи бемориҳои кӯдакона»-и шаҳри Панҷакент | Анализатори нимавтоматии биохимиявӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.01.2023 14:36:36 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!

**Комиссияи тендерии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Ташкилоти харидор) довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмун ҷиҳати гирифтани фармоиши иҷтимоии давлатӣ, ки ба тариқи иштироки номаҳдуд гузаронида мешавад, даъват менамояд.**

Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои озмун ва маълумоти иловагӣ оид ба озмун метавонанд ба суроғаи ташкилоти харидор: шаҳри Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ - 3 (сомона: www.ahia.tj, почтаи электронӣ: hifziijtimoi@mail.ru тел: 446100051) муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои дархостшударо дар лифофаҳои муҳршуда, бо суроғаи зикршуда то 16-уми январи соли 2023, соати $10^{00}$ пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодҳо қабул карда намешаванд.

Лифофаҳо бо пешниҳодҳои озмун аз ҷониби комиссияи озмун 20-уми январи соли 2023, соати $10^{00}$ кушода мешаванд. Намояндагони довталаб ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ЭЪЛОН!

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Коиноти нав» (РМА 030013484) сармояи оинномавии худро ба андозаи ташаккулнаёфта, бинобар сабаби як саҳом пардохт накардани ҳисса, сармояи худро кам менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шартномаи хариду фурӯши №8Ш-6198-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 12-уми декабри соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷомӣ, бинои 11, ҳуҷраи 6 ба Ғиёсова Сальвар Сатторовна додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДМБ №0014936-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2013 ба Аминзода Хуршеди Муродалӣ додааст, эътибор надорад.

✓Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №3130042154-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон соли 2022 ба Худойназаров Салоҳиддин Низомидинович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти №451-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 31-уми августи соли 2012 ба Бобоқулов Абдурашид Ганиевич додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда барои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 28-уми сентябри соли 2010 ба Садиров Рустам Юсупович (РЯМ 3230039102) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти №451-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 3-юми ноябри соли 2009 ба Мардиев Шералӣ Ашурович (РЯМ 3230004223, РМА 325111779) додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи ҳадяи бинои мағозаи силсилаи НТ № 0548623-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 26-уми июли соли 2019 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Сино, бинои мағоза, ба Шарипов Фаридун Раҳматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10-уми декабри соли 2016 ба Наимов Чиёнхон Сафоевич (РЯМ 0430226381) додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 18-уми апрели соли 2022 ба Игамбердиев Урозалӣ Абдумуталибович (РЯМ 0331452367, РМА 315456008) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 74/1, квартираи 10 ба Матлабова Рушания Садриевна додааст, эътибор надорад.

✓Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0383304-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 12-уми сентябри соли 2018 ба Турманов Икром Шоевич (РЯМ 0430263057) додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 19-уми декабри соли 2012 таҳти феҳристи бақайдгирии 1Ш-1541 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Ганҷобод ба Нуров Умаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓Патенти № 0260862-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 19-уми декабри соли 2016 ба Каримзода Ситорабону (РЯМ 6030122093, РМА 605773501) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти № 0500762-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 16-уми майи соли 2022 ба Сангинов Баҳодур (РЯМ 6030165900, РМА 605229480) додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибос аз Шаҳодатномаи бақайдгирии фаъолияти соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 16-уми декабри соли 2015 ба Ахмедова Фарангис Қудратуллоевна (РЯМ 0430205729) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ҶДММ «Каёнуш 2» (РЯМ 2210000540, РМА 220003650), ки онро Нозироти андози ноҳияи Данғара 11-уми майи соли 2002 додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи хизматии силсилаи ДБ№609964-и гумшуда, ки онро ШХДМ-и ноҳияи Сино-1-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Каримов Давронҷон Шарифович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1830108326-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2022 ба Нусратуллои Исматулло додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1830080441-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2017 ба Саидова Майдамо додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1930092148-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ ба Шарифов Фирдавс додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ №1930039256-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ ба Шайхова Нафисамо додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДТО №0174121 таҳти рақами бақайдгирии 5215-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2014 ба Раҳимов Нуралӣ Ҷураевич додааст, эътибор надорад.

## БАҲАМ МЕХӮРАД

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қисмҳои эҳтиётии гидравликӣ» (РЯМ 0310020004) фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97

Ба чопаш 30 декабри соли 2022, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Б. Каримзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров